*Бо фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 84 аз "26" июли 2011 тасдиқ шудааст*

# НИЗОМНОМА

## ОИД БА СЕРТИФИКАТИ БАРКАШИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ АВТОМОБИЛИИ БОРКАШ, КИ ДАР ҚАЛАМРАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИНТИҚОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МАҲАЛЛИРО АНҶОМ МЕДИҲАНД

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомнома оид ба сертификати баркашии воситаҳои нақлиёти автомобилии боркаш, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли байналмилалӣ ва маҳаллиро анҷом медиҳанд (минбаъд - Низомнома) мутобиқи талаботҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006 №779 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд" ва аз 3 марта соли 2007 №107 "Дар бораи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт", инчунин Созишнома "Оид ба ҷорӣ намудани сертификати байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиётборкаш дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустакил" (аз 16 апрели соли 2004 ш. Чолпон-Ата) таҳия гардидааст.

1.2. Мақсади Низомномаи мазкур аз амалӣ намудани назорати вазн ва андозаҳои воситаҳои нақлиёти автомобилии боркаш ҷиҳати риояи меъёрҳои мукарарршуда, роҳ надодан ба баркашиии бисёркарата дар нуқтаҳои назорати, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои тезонидани интиқоли борҳо, ки таввасути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон кашонида мешаванд.

1.3. Низомнома тартиби до дани сертификата баркашии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ситонидани маблағ барои гузаронидани воситаҳои нақлиёт аз роҳҳои автомобилгард барои вазн. сарборӣ ба меҳвар, андозаҳои воситаҳои нақлиёт, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд, ки дар гузаргоҳҳои назди сарҳадии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва дидбонгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом до да мешавад, муқаррар менамояд.



1.4. Дар Низомномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **интиқоли байналмилалии борҳо** - интиқоли борҳо тавассути воситаҳои нақлиёт бо убури сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла интиқоли транзитӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **воситаи нақлиёт** - воситаҳои нақлиёти автомобилии дорои муҳаррики механикӣ, ки барои интиқоли борҳо бо ядак (нимядак) ё бидуни он таъин гардидаанд;

- **оператор** - шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки интиқоли борҳоро тавассути нақлиёти автомобилӣ дар асоси тиҷорат ё барои таъмини эҳтиёҷоти худ анҷом медиҳад;'

- **истгоҳи баркашӣ** - нуқтаи анҷомдиҳандаи назорати вазн ва андозаҳои воситаҳои нақлиёт, ки дар гузаргоҳҳои назди сарҳади давлатӣ, дидбонгоҳҳои доимоамалкунанда ва сайёр, даромадгоҳи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва бо таҷҳзотҳои зарурӣ барои баркашии вазни воситаи нақлиёт ҷиҳозонида шудааст.

- **мақомоти назоратӣ** - мақомоти ваколатдоре, ки назорати вазн ва андозаҳои воситаҳои нақлиётро дар рафти анҷоми интиқоли байналмилалӣ ва маҳаллӣ амалӣ менамояд;

- **сертификат баркашии воситаи нақлиёт (минбаъд - сертификат баркашӣ)**- ҳуҷҷати дорои маълумотҳои

- дақиқ оид ба меъёрҳои муқарраршудаи вазни воситаи нақлиёт, ки дар истгоҳи баркашӣ, аз ҷониби мақомоти ваколатдор дода мешавад;

-**ҳолати истисноӣ** - зарурати баркашии воситаи нақлиёт, ки бинобар сабабҳои зерин ба миён омадааст:

- **нишондиҳандаҳои вазнине, ки дар сертификати баркашӣ ва ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ** -борӣ (борхати нақлиётӣ ва шаҳодатномаи бақайдгирии воситаи нақлиёт) мутобиқ нестанд;

- ҳангоми боркунии иловагӣ, қисман холӣ кардани бор ё гузаронидани бор ба воситаи нақлиёти дигар, инчунин ҳангоми супурдани бор ба низоми дигари гумрукӣ дар давоми интиқоли баъди барасмиятдарории сертификати баркашӣ;

-мутобиқ накардани маълумотҳо дар сертификати баркашӣ (банди 3) ва маълумот оид ба воситаи нақлиёт (тамғаи воситаи нақлиёт ва рақами давлатӣ);

-баркашии назоратӣ - баркашии воситаи нақлиёт ҳангоми ҳолати истисноӣ.

### 2. Тартиби додани сертификати баркашӣ

2.1. Сертификати баркашӣ ба воситаи нақлиёт дар истгоҳи аввали баркашӣ мутобиқи самти ҳаракат ҳангоми интиқол дода мешавад ва то охири хати сайр амал мекунад.

2.2. Истгоҳи баркашӣ дар ҳолатҳои зерин сертификати баркашӣ медиҳад:

- агар вазни воситаҳои нақлиёт аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд набошад (дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- агар вазни воситаҳои нақлиёт аз меъёрҳои муқараршуда ҳангоми интиқоли борҳои вазнин дар иҷозатномаи махсус нишон додашуда зиёд набошад;

- агар вазни воситаҳои нақлиёт аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд бошад, сертификати баркашӣ пас аз пардохт намудани маблағ барои аз меъёр зиёд будани вазн ва андозаҳо дода мешавад ва дар ин бобат дар сертификати баркашӣ қайд карда мешавад.

2.3. Маълумотҳои сертификати баркашӣ аз ҷониби корманди ваколатдори истгоҳи баркашӣ қайд карда мешавад ва ба сифати ҳуҷҷати дорои маълумотҳои дақиқ оид ба баркашӣ, ки истгоҳҳои баркашии ваколатдор анҷом додаанд, эътироф карда мешавад.

2.4. Истифодаи сертификати баркашӣ аз макони додан ва бақайдгирии воситаи нақлиёте, ки интиқоли байналмилалии борҳоро тибқи тартиботи ИБР (интиқоли байналмиллалӣ тавассути роҳ) ё тибқи тартиботи гумрукии дигаре, ки дастрасии беиҷозатро ба қисмати бори воситаи нақлиёт манъ мекунад, вобаста намебошад.

2.5. Мақомотҳои назоратӣ сертификати баркаширо, ки аз ҷониби истгоҳҳои баркашӣ дода шудааст, эътироф менамоянд ва баркашии воситаи нақлиётро талаб намекунанд.

2.6. Мақомотҳои назоратӣ метавонанд вазни воситаи нақлиётро танҳо дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои истисноӣ санҷанд.

2.7. Ҳангоми ба миён омадани ҳолати истисноӣ баркашии санҷишӣ гузаронида мешавад.

2.3. Натиҷаҳои баркашии санҷишӣ ба банди 11 - уми сертификати баркашӣ ворид карда мешаванд.

## 3. Амалиётҳои асосие, ки дар истгоҳҳои баркашии воситаҳои нақлиёт гузаронида мешаванд.

3.1. Санҷишӣ воситаҳои нақлиёт нисбати мутобиқ будани сарборӣ ба меҳвар (тир) ба тариқи зайл гузаронида мешавад:

-тавассути таҷҳизоти вазнченкунӣ (тарозу); аз руи ҳуҷҷатҳои борию-нақлиётии воситаҳои нақлиёт.

Амалиётҳои асосие, ки дар истгоҳҳои баркашии воситаҳои нақлиёт гузаронида мешаванд, зеринҳо мебошанд:

-қарор до дани воситаҳои нақлиёт то 50-100 метр аз таҷҳизоти вазнченкунӣ;

- санҷидани ҳуҷҷатҳо (иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои нақлиёт- бори ва дигар ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ);

-санҷиши мутобиқат кардани андозаҳои борҳои кашондашаванда ба меъёр;

- баркашии воситаҳои нақлиёт бо таҷҳизоти вазнченкунӣ;

- ситонидан ва ба расмият даровардани маблағ барои сарбории зиёдати, аз меъёр зиёд будани андозаҳои борҳои кашондашаванда ва ба ронанда додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохт;

-дарҷи маълумотҳои зарурӣ дар китобҳои қайди санҷиши воситаҳои нақлиёт оиди мутобиқ будани вазн ва андозаҳо ба меъёрҳои муқарраршуда ва баҳисобгирии маблағҳо барои гузаронидани воситаҳои нақлиёт бо сарбории зиёдатӣ ва борҳои андозаҳояшон аз меъёр зиёд;

## 4. Талабот нисбати дидбонгоҳи баркашӣ

4.1. Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт руйхати истгоҳҳои баркаширо таҳия карда, ба ҳар як дидбонгоҳи баркашӣ рақамгузорӣ мекунад, инчунин дорои намунаҳои муҳр барои истгоҳҳои баркашӣ бо мақсади таъсис додани манбаи ягонаи маълумот мебошад ва дар зарурат ба ин руйхат тағийрот ворид менамояд.

4.2. Истгоҳи баркашӣ бояд ба талаботи зерин мутобиқат намояд:

- дидбонгоҳи баркашӣ бояд бо таҷҳизоти сертификатсияшуда барои баркашӣ ва мутахассисони касбӣ таъмин карда шавад;

- таҷҳизот барои баркашӣ бояд дар ҳолати коршоям нигоҳдошта шавад ва мунтазам аз ҷониби мақомоти салоҳиятдоре, ки барои назорати риояи талабот ба стандарту меъёрҳо масъуланд санҷида шуда, муҳр зада шавад;

- дидбонгоҳо бо таҷҳизоти баркашии вазн, ки ба дараҷаи дақиқи 0,5 , 1,2 ё зиёдтар мутобиқат карда, дараҷаи носаҳеҳии то 2% ё камтарро таъмин мекунад, муҷаҳҳаз гардонида мешаванд.

## 5. Варақаҳои сертификати баркашӣ

5.1. Варақаҳои сертификати баркашӣ варақаи ҳисоботии қатъӣ буда, дорои силсила, рақам ва дараҷаи ҳифозат мебошанд. Намунаи шакл ва намуди он дар замимаи №1 Низомнома нишон до да шудааст.

5.2. Тайёр намудан ва нигаҳдории варақахои сертификати баркаширо Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт ба анҷом расонида, истифодаи онро дар истгоҳҳои баркашӣ ба роҳ мемонад.

5.3. Сертификати баркашии воситаҳои нақлиёт аз сархатҳо ва қисмҳои зерин иборат мебошад:

Сархати 1. Ному насаби ронанда;

- суроға;

- Телефон, Факс.

Сархати 2. Рақами шартномаи интиқол "CMR" ;

- CARNET TIR (агар мавҷуд бошад).

Сархати 3. Маълумот дар бораи воситаи нақлиёти боркаш:

- рақами бақайдгирии автомобил ва қуша;

- системаи овезаи автомобил ва қуша.

Сархати 4. Дидбонгоҳи ваколатдори баркашӣ (ном ва суроға):

-таҷҳизоти баркашӣ.

Сархати 5. Рақами бақдӣдгирии баркашии воситаи нақлиёт №.

Сархати 6. Санаи додани сертификата баркашӣ .

Сархати 7. Баркашии воситаи нақлиёти автомобили боркаш (бояд қайди расмии истгоҳи баркашӣ вуҷуд дошта бошад):

ченкунии сарборӣ ба меҳвар (кг) ва нуқтаҳои таъинот;

- вазни пурраи воситаи нақлиёт (кг) автомобили боркаш, - ни-мқуша/қуша.

Сархати 8. Андозаҳои воситаи нақлиёт:

- дарозӣ;
- бар;
- баландӣ.

Сархати 9 Хусусиятҳои тавзеҳоти ченкунӣ:

-дараҷаи пуррии чалакҳои сузишворӣ, ки ба муҳаррик пайваст шудаанд;
-микдори шинаҳои эхтиётӣ (адад);
-дараҷаи пуррии чалакҳои иловагии сузишворӣ.
-мавҷудияти меҳвари овеза Ҳа. Не.

Сархати 10. Аз ҷониби ронанда баъди баркашидани воситаи нақлиёт пур карда мешавад:

- Ман тасдиқ менамоям, ки

а) вазни воситаи нақлиёт аз ҷониби истгоҳи баркашии дар боло зикргардида чен карда шуд;

б) Баъди чен кардан ба воситаи нақлиёт ягон бори зиёдатӣ бор карда нашуд:

- Сана;
- Изои ронанда.

Сархати 11.Тасдиқ менамоям, ки баркашии дар боло зикргардида дар исгоҳи баркашии анҷом дода шудааст ва дақиқ мебошад;

-имзо;
-мухр;

Сархати 12. Аз ҷониби корманди истгоҳи баркашӣ дар ҳолатҳои истисноии баркашӣ (3,7.9) пур карда мешавад

- дидбонгохи баркашӣ;
- ном ва сурогаи исгохи баркашӣ;
- сана, ному насаби корманди исгоҳи баркашӣ, имзо ва мухр;
- сабаб ва натиҷаи баркашии назоратӣ;

Х,ангоми пешниҳоди сертификати мазкур баркашии такрории воситаи нақлиёт гузаронида намешавад.

## 6. Китоби қайди санҷиши воситаҳои нақлиёт о ид ба мутобиқ будани вазн ва андозаҳо ба меъёрҳои муқарраршуда

6.1. Китоби қайди санҷиши воситаҳои нақлиёт оид ба мутобиқ будани вазн ва андозаҳо ба меъёрҳои муқарраршуда аз қисмҳои зерин иборат мебошад.

1. Рақами сертификати баркашӣ.



2. Санаи до дани сертификати баркашӣ.
3. Вақти баркашии воситаи нақлиёт.
4. Тамғаи воситаи нақлиёт ва намуди сертификат
5. Ному насаби ронанда.
6. Рақами БМН (борхати молию нақлиётӣ).
7. Нуқтаи оғоз.
8. Нуқтаи таъинот.
9. Намуди бор.
10. Вазн ба меҳвар (меҳварҳо) тонна.
11. Меъёр тибқи стандарт.
12. Бори зиёдатӣ аз меъёр (бо тонна).
13. Андозаҳои воситаи нақлиёт (L,H,hм).
14. Арзиши як тонна бор.
15. Масофаи интиқол (км).
16. Маблағ барои вазни аз меъёр зиёд пардохта шудааст, бо асъори миллии (сомонӣ).
17. Маблағ барои андозаи аз меъёр зиёди воситаи нақлиёт пардохт шудааст, бо асъори миллӣ (сомони).
18. Рақами ордери даромади хазинавӣ.
19. Ному насаби нозир.
20. Имзои нозир.
21. Имзои ронанда.
22. Эъзох

6.2. Намунаи китоби қайди санҷиши воситаҳои нақлиёт оид ба мутобиқ будани вазн ва андозаҳо ба меъёрҳои муқарраршуда дар замимаи №2 ва ордери даромади хазинавӣ дар замимаи №3 оварда шудааст.

6.3. Баъди ба анҷом расидани басти (сменаи) корӣ нозирони дидбонгох ведомости пардохтхоро тайёр намуда, маблағҳои ҷамъшударо ба хазинаи Амонатбонки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби махсус месупоранд.

## 7. Ҷуброн барои вазн ва андозаҳои аз меъёр зиёд

7.1. Дар ҳолати напардохтаии ҷуброн барои зиёд будани вазн ва андозаҳои муқарраршуда, мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо дида мешавад.

7.2. Оператор ҳуқуқ дорад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ғайриқонунӣ амал намудани ба мақомотҳои дахлдор шикоят пешниҳод намояд.

7.3. Дар ҳолати зиёд будани вазн ва андозаҳои максималии воситаҳои нақлиёт аз ронадагони воситаи нақлиёт мувофиқи замимаи №1 қоидаҳои аз роҳҳои автомобилдгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд" ҷуброн ситонида мешавад.